**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Сорбон аз ҷумлаи номовартарин нависандагони муосири тоҷик аст, ки рушду инкишофи насри бадеии тоҷик дар даҳсолаҳои охири асри XX ва оғози асри XXI то ҷое ба фаъолияти эҷодии ӯ вобастагӣ дорад. Мавсуф аз намояндагони насли чоруми насрнависони тоҷик аст, ки бо вуруди худ ба саҳнаи адабиёти бадеӣ насри тоҷикиро рангу ҷилои тоза бахшиданд. Дар миёни ин нависандагон Сорбон аз мақоми хоссае бархӯрдор аст ва осори гуногунжанри ӯро метавон ба ҳайси намунаи олии насри муосири тоҷик муаррифӣ намуд.

Осори Сорбон ҳанӯз аз нахустин қадамҳои ӯ дар майдони адабиёт диққати муҳаққиқони осори адабиро ба худ ҷалб карда бошад ҳам, кори илмии густарда ва фарогире, ки маҳз ба таҳқиқи фаъолияти эҷодии Сорбон дар даврони Истиқлол бахшида шудааст, диссертатсияи мавриди назар аст, ки ба қалами муҳаққиқи ҷавон Муҳаммадохирова Ҳанифамо тааллуқ дорад. Мавсуф тавонистааст, ки бо такя ба афкори назарии адабпажуҳон ва осори таҳқиқии суханшиносони муосир хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбонро дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон мавриди нақду баррасии илмӣ қарор диҳад. Ба ҳамин хотир, кори илмии анҷомдодаи муҳаққиқи мазбур арзандаи таҳсин ва тақдир аст.

Тавре аз автореферат бармеояд, муқаддимаи диссертатсия, тибқи талаботи гузошташуда, аз қисматҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, предмет, объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия иборат мебошад. Инчунин, қисмати муҳтавои асосии диссертатсия аз се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт таркиб ёфта, дар охири он маводи банашррасонидаи муҳаққиқ оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ки **«Вежагиҳои мавзуӣ ва ғоявии эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»** унвон дорад, аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали ин боб муҳаққиқ ба таҳлилу баррасии мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт

дар осори Сорбон машғул гардидааст. Ӯ сараввал собиқаи тулонии мавзуи мазкурро дар адабиёти куҳанбунёди форсӣ-тоҷикӣ ёдовар шуда, баъдан ҳузури ин мавзуъро дар асарҳои алоҳидаи Сорбон мавриди баррасӣ қарор додааст. Муҳаққиқ собит намудааст, ки осори гуногунжанри нависанда дарбаргири масоили гуногуни ахлоқиву иҷтимоӣ буда, дар таҳзиби ахлоқии насли наврасу ҷавон ва дигар табақоти синнусолии ҷомеа саҳмгузор хоҳанд буд.

**«Инъикоси ҳаёти ҳамзамонон дар асарҳои нависанда»** унвони фасли дуюми боби аввали диссертатсия буда, ба таҳқиқи асарҳое бахшида шудааст, ки нависанда дар онҳо ба мавзуи ҳаёти муосирон дахл кардааст. Қаҳрамонони ин қиссаҳо мардуми гуногунпешае ҳастанд, ки симои зоҳириву ботинии ҳамзамонони нависандаро ойинадорӣ мекунанд.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия **«Тасвири симои зани тоҷик дар осори Сорбон»** номгузорӣ шуда, муҳаққиқ дар ин қисмати кори худ собит намудааст, ки Сорбон қариб дар ҳама осори худ ба тасвири ҳаёти пурпечутоби зани тоҷик, нақши ӯ дар рӯзгор ва ҳаёти иҷтимоӣ ва симои зоҳириву ботинии зан-модар пардохтааст.

Боби дуюми рисола низ, ки **«Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»** унвон дорад, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб муҳаққиқ ба нақду баррасии ҳунари нигорандагии Сорбон дар инъикоси масоили таърихӣ машғул гардидааст. Ӯ муайян намудааст, ки масоили гуногуни таърихӣ аз муҳимтарин мавзуоти насри бадеии Сорбон буда, дар ҳар як асари ӯ мо тасвири бадеии ҳаводиси гуногуни таърихиро мушоҳида менамоем.

Дар фасли дуюми боби дуюм муҳаққиқ ба таҳлилу баррасии мавзуи ҷанг дар осори Сорбон машғул гардида, ба натиҷае мерасад, ки дар осори дар даврони истиқлол таълифшудаи Сорбон таъсири ҷанг дар сарнавишти инсонҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Маълум аст, ки Сорбон аз ҷумлаи нависандагонест, ки шоҳиди бевоситаи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ буданд ва бадеҳист, ки ҳаводис ва рӯйдоди нохуши ин даврон дарунмояи асарҳои гуногуни ӯро ташкил медиҳанд. Дар фасли сеюми боби дуюм муҳаққиқ маҳз ба таҳқиқи ҳамин масъала пардохта, инъикоси воқеаҳои солҳои навадуми асри бистро дар асарҳои адиб таҳлилу баррасӣ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия бо унвони **«Вежагиҳои ҳунарии эҷодиёти Сорбон дар даврони нав»** фарогири се фасл буда, дар фасли нахустини он муаллиф ба баррасии хусусиятҳои сабки фардии Сорбон дар эҷоди новелла машғул гардидааст.

Муаллифи диссертатсия дар фасли дуюми боби сеюм мақоми тамсил ва рамзро дар эҷодиёти нависанда мавриди пажуҳиш қарор дода, дуруст

дарёфтааст, ки Сорбон дар тамоми осори худ аз тамсил ва рамз фаровон истифода бурдааст ва низ асарҳои тамсилии пурғановате офаридааст.

Дар фасли сеюми боби ниҳоии диссертатсия муҳаққиқ ба таҳқиқи сабки баёни осори Сорбон пардохта, аносири гуногунеро пайгирӣ кардааст, ки бозгӯи сабки фардии нависанда мебошанд.

Муаллифи диссертатсия дар қисмати “Хулоса” натиҷаи таҳқиқи анҷомдодаи худро дар 11 банд пешниҳод кардааст ва ҳамзамон тавсияҳои муҳаққиқ оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқ дар 4 банд оварда шудааст.

Қисмати **“Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия”** номгӯи 16 мақола ва маърузаи илмиеро дар бар мегирад, ки ба таҳқиқу баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаи мавриди назар бахшида шудаанд.

Воқеан, муаллиф муваффақ шудааст, ки дар автореферат бобҳову фаслҳоро ба гунае хулоса намояд, ки сарфи назар аз муҷазӣ ҳадафу вазифаҳои таҳқиқро пурра инъикос намоянд. Ба боварии комил метавон гуфт, ки фишурда фарогири муҳтавои диссертатсия буда, ба меъёрҳои таҳияи авторефератҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Ба ҳамин тартиб, автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат бақувват буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Мавзуъ дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ ҳалли худро ёфта, муаллиф тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дарпешгузоштааш ба хубӣ барояд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мешаванд:

1. Бо он ки услуби нигориши автореферат хеле хуб аст, дар он хеле кам бошад ҳам, баъзе ғалатҳои услубӣ низ мушоҳида мешаванд. Барои мисол, дар ҷумлаи зерин такрори пайвандаки “ки” услуби баёнро халалдор кардааст: “Аммо бо вуҷуди ин пажуҳишҳо ин нуктаро ҳатман бояд таъкид намуд, ки омӯзиш ва баррасии ин таҳқиқотҳо хулосаеро ба миён меорад, ки оид ба масъалаҳои гуногуни осори дар давраи истиқлол таълифнамудаи Сорбон таҳқиқоти алоҳида сурат нагирифтааст (автореферат, саҳ. 4).
2. Дар саҳифаҳои алоҳидаи автореферати диссертатсия ва матни русии он баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд.

Вале норасоиҳое, ки гуфтем, каму назарногир ва ислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонанд.

Дар маҷмуъ, кор аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи корҳои илмӣ комилан ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи **Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна** дар мавзуи **«Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони Истиқлоли Тоҷикистон»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва ба талаботи пешгузоштаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик сазовор аст.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи адабиёти тоҷики**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав»:** **Аҳмадов С.Г.**
**Тел: (+992) 907 56 43 77; E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru**

**Имзои С.Г. Аҳмадовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав»:** **Исозода Т.И.**

**Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: ktsu78@mail.ru**
03.08.2024